**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Суроға: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи**
**Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён,**
**бинои таълимии 7**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Шарифов Зариф Раҳмонович ба диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст, ба ин бандҳои Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мутобиқ аст: 1.2. Методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ки дар сатҳи микро- ва макроиқтисод маҷмуи иҷтимоию иқтисодиро тавсиф мекунанд, 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.13 Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ, 1.14 Методологияи корбурди технологияҳои замонавии иттилоотӣ ва иртибототи дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Имрӯз дар тамоми соҳаҳои фаъолияти идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ воситаҳои рақамикунонӣ ҳамаҷониба истифода мешаванд. Иттилоот ва технологияҳои коркарди он асоси рушди иқтисодиёти рақамӣ мебошанд. Равандҳои ҷамъоварӣ, коркард, ҷамъбасткунӣ ва таҳлили иттилооти барои қабули қарорҳои

идоракунӣ заруриро бе истифодаи технологияҳои рақамӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Барномаҳои компютерии муосир хусусан дар ҳалли масъалаҳои баҳисобгирии идоракунӣ, ки иттилоотро барои таҳия қарорҳои идоракунӣ омода ва пешниҳод мекунад, нақши муҳим доранд. Зеро баҳисобгирии идоракунӣ яке аз зернизомҳои муҳимтарини таъминоти иттилоотии низоми идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ, ёрдамчии асосии роҳбарият ва муассисони онҳо мебошад ва дар заминаи рақамикунонии умумии иқтисодиёт дигаргуниҳои муҳимро аз сар мегузаронад. Бо вуҷуди ин, бисёре аз масъалаҳои анъанавии баҳисобгирии идоракунӣ, ки бо интихоби объектҳои баҳисобгирӣ, ҷустуҷӯи усулҳои муносиби ҳисобкунии арзиши аслӣ, ҳамгиросозии намудҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ бо баҳисобгирии идоракунӣ, корбурди воситаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ алоқаманд мебошанд, ҳалношуда боқӣ мондаанд.

Ҳангоми ташкил ва роҳандозӣ намудани баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ мушкилоти зиёди назариявию методологӣ ва амалии корбурди воситаҳои рақамикунонии муосир пеш меоянд, ки ҳалли онҳо барои пешрафти иқтисодии корхонаҳо ногузир аст. Аз ҷумла, мушкилоти ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, табдили равишҳои методологии ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ, такмили пойгоҳи иттилоотии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ, тавсеаи имкониятҳои корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ ва татбиқи онҳо барои такмили баҳисобгирии идоракунии стратегӣ, самтҳои муҳими рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба ҳисоб мераванд. Ҳалли муносиби масъалаҳои мазкур ба самаранокии умумии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ таъсири мусбат расонида, натиҷаҳои баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун таъминоти иттилоотии низоми идоракунии онҳо беҳтар мегардонад. Вобаста ба ин, мавзуи дисертатсияи тақризшаванда, ки ба таҳқиқи масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бахшида шудааст, мубрам буда, таҳқиқоти дахлдор дар ин самт барои илми муҳосибӣ муҳим мебошанд. Диссертатсияи илмӣ маҳз ба таҳқиқи ҳамин ҷиҳатҳои мушкилоти рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бахшида шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Омӯзиш ва таҳлили

муҳтавои дисертатсия нишон медиҳад, ки муаллифи он дар таҳия ва омода намудани навгониҳои илмии натиҷаҳои таҳқиқот ва муқаррар кардани нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муваффақ шудааст. Асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ҷанбаҳои асосии ифодакунандаи навгонии илмии таҳқиқот мебошанд. Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот, ки **дорои навгонии илмӣ мебошанд**, аз ҷумла чунин ҷиҳатҳоро дар бар мегиранд (саҳ. 7-9):

1) Ҷанбаҳои назариявии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсури асосии таъминоти иттилоотии низоми идоракунии корхонаҳо таҳқиқ шудааст. Ақидаҳои олимони гуногун оид ба мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ омӯхта шуда, нуктаи назари муаллиф дар ин бора аник карда шудааст. Заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми идоракунии корхонаҳо таҳқиқ карда шуда, робитаи он бо баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии истеҳсолӣ муайян ва арзёбӣ карда шудааст.

2) Асосҳои ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунии рақамӣ таҳқиқ гардида, хусусиятҳои асосии марҳилаҳои истифодаи воситаҳои рақамӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ муайян карда шудаанд. Дигаршавии аломатҳои баҳисобгирии идоракунӣ бо таъсири рақамикунонӣ таҳқиқ шуда, шароити ташаккули низоми нави баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шудааст. Заминаҳои табдили равишҳои методологии ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳлил ва арзёёбӣ карда шудаанд. Амсилаи баҳисобгирии идоракунии ба эътимод асосёфта таҳия карда шудааст.

3) Вазъи муосири ташкил ва пешбурди пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, имконияти истифодаи воситаҳои муосири коркарди автоматикунонидашудаи иттилоот дар асоси барномаҳои маъмули компютерии муҳосибӣ арзёбӣ карда шудааст. Вазъи пойгоҳи иттилоотии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳқиқ карда шуда, талаботи асосии ҷонибҳои манфиатдор ба пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт муайян карда шудааст.

4) Дар асоси таҳлил ва арзёбии имконияти корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ исбот карда шудааст, ки баҳисобгирии идоракунӣ ботадриҷ ҳамчун пойгоҳи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунии

босамар дар асоси методологияи баҳисобгирӣ, банақшагирӣ, буҷетикунонӣ, назорат, таҳлили идоракунӣ ва ояндабинӣ ташаккул ёфтааст. Имконияти корбурди маҳсулоти нармафзор барои рақамикунонии иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ таҳқиқ карда шуда, амсилаи таркиби воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ барои таъмини кори муносиби низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси бастаи нармафзори 1С: ERP ва амсилаи пешбурди якҷояи намудҳои баҳисобгирӣ бо истифодаи ин бастаи нармафзор таҳия карда шудааст.

5) Самтҳои асосии рушди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шуда, тартиби истифодаи якҷояи воситаҳои муосири методии баҳисобгирии идоракунӣ ва бастаи нармафзори муҳосибии 1С: ERP (1С: Бухгалтерия 8.3) таҳия карда шудааст, ки барои таҳкими раванди идоракунии фаъолияти истеҳсолию молиявӣ ва рушди амалии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ имкон медиҳад.

6) Тартиби ташкили низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ бо дарназардошти иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ таҳия карда шудааст. Мухтавои низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити корбурди воситаҳои рақамикунонӣ ва иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ таҳлил карда шуда, методикаҳои пешбурди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар шароити рақамикунонӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ таҳия карда шудааст. Ҳамчунин амсилаи низоми ҳамгирои баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳия карда шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, баррасии натиҷаҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 190 саҳифаи матни компютериро ташкил дода, 22 расм ва 12 ҷадвал, рӯйхати адабиёти дорои 150 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи кор мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ нишон дода шудааст, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардидаанд, тавсифи асосии диссертатсия маанзур карда шудааст.

Боби якуми кор ба таҳқиқи масъалаҳои асосии назариявию методологии ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ бахшида шудааст. Моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ таҳиқ карда шуда, мафҳуми он муайян ва аз нигоҳи муаллиф

аниқ карда шудааст (саҳ. 18), дар асоси омӯзиши равандҳои таҳаввул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (саҳ. 48-49) заминаҳои табдили равишҳои методологии ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шудааст (саҳ. 64-68).

Бояд қайд кард, ки ақидаи муаллиф дар бораи моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ аз ҷиҳати илмӣ ҷолиб аст. Вобаста ба ин, ӯ чунин зикр мекунад: баҳисобгирии идоракунӣ ин якҷояшавии намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, вазифаҳои идоракунӣ ва баҳисобгирӣ дар дохили корхона мебошад, ки барои ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти зарурӣ барои омодасозии ҳисоботи идоракунӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона ва воҳидҳои сохтории он хизмат мекунад. Албатта, ин ақидаро дигар олимон низ баён намудаанд, вале фикри муаллиф нисбатан равшан ва мушаххас мебошад (саҳ. 18).

Муаллиф қайд мекунад, ки рақамикунонии иқтисодиёт амсилаи нави рушди иқтисодиро ба вуҷуд оварда, шароити мусоидро барои ҷалби сармояи байналмилалӣ фароҳам месозад, ба рушди соҳаҳои истеҳсолӣ такон бахшида, содиротро зиёд мекунад ва ҳамзамон талаботи дохилиро тавассути воридотивазкунӣ қонеъ мегардонад. Вале, дар баробари ин, корхонаҳо бо қоидаҳои нави пешбурди фаъолият, пурзӯргардии мубориза рақибона дучор мешаванд, ки ин ба зарурати доимо ҷустуҷӯ кардани бартариҳои рақибона дар бозор боис мешавад (саҳ. 34). Вобаста ба ин ӯ роҳҳои ҳалли ин мушкилотро, ки бо корбурди имкониятҳои иқтисодиёти рақамӣ алоқаманд мебошанд, нишон додаст. Ба андешаи муаллиф, аломатҳои асосии тавсифдиҳандаи баҳисобгирии идоракунӣ бо таъсири рақамикунонӣ дигар мешаванд ва дар натиҷа низоми нави баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодӣ ташаккул меёбад (саҳ. 40-41).

Муаллиф қайд мекунад, ки дониши парокандаи менеҷерҳои корхонаҳо дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла менеҷерҳои молиявӣ, ки бояд дар бораи муқаррароти назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии баҳисобгирии идоракунӣ маълумот дошта бошанд, барои гузариши зуд ва босамар ба технологияҳои рақамӣ имконият намедиҳад. Ба андешаи ӯ, дар баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ мафҳуми нав – эътимод мақоми сазовор мегирад. Агар корхона эътимоди иштирокчиёни бозорро ба худ таъмин карда натавонад, барои он ҳаргиз дар ин бозор рушду нумӯ муяссар намешавад, зеро тинати бозор ҳамин аст ва ин хосияти ботинии бозор дар шароити рақамикунонӣ боз ҳам

ҷавитар мегардад (саҳ. 63-64). Вобаста ба ин, муаллиф тинати баҳисобгирии идоракунии ба эътимод асосёфтаро дар шакли амсила тасвир кардааст (саҳ. 67).

Дар боби дуюми диссертатсия вазъи муосири ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳқиқ шуда, хулосаҳои муфид таҳия шудаанд (саҳ. 89-90), пойгоҳи иттилоотии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун ҷиҳати муҳими баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ арзёбӣ карда шуда (саҳ. 91-92), имконияти корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ таҳлил карда шуда, тавсияҳои амалӣ барои рушди рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳо пешниҳод карда шудаанд (саҳ. 124-125).

Муаллиф дар асоси таҳлили вазъи баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ қайд мекунад, ки бо таъсири рақамикунонии иқтисодиёт ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар мамлакат дар солҳои охир санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул гардиданд, ки барои вусъат ёфтани иктисодиёти рақамӣ дар мамлакат заминаҳои заруриро фароҳам оварданд. Вале, азбаски ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар доираи салоҳияти ҳар як субъекти иқтисодӣ мебошад, заминаҳои ҳуқуқии мазкур наметавонанд ба рушди рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ бевосита таъсир расонанд. Вобаста ба ин, ӯ пешниҳод мекунад, ки барои такон бахшидан ба ҷорӣ намудани рақамикунонӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ пеш аз ҳама муносибати роҳбарият ва менеҷменти корхонаҳо ба баҳисобгирии идоракунӣ ва рақамикунонии он муҳим аст (саҳ. 69-71).

Ба андешаи муалиф, ҷанбаи осебпазир дар пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ин сатҳи пасти иттилоотнокии шаклҳои ҳисобот (ҳисоботи идоракунӣ) мебошад. Ӯ меафзояд, ки дар шароити рақамикунонӣ барои ҳалли масъалаҳои стратегии рушди иқтисодии корхонаҳо дар назди роҳбарият ва менеҷменти онҳо вазифаи пайгирии нишондиҳандаҳои ҷорӣ ва стратегии рушди фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ муносибати ҷиддиро тақозо мекунад. Бо баррасии манбаъҳои дохилӣ ва берунии маблағгузории рушди фаъолияти корхона масъалаи муҳими баҳисобгирии идоракунии самтҳои истифодабарии онҳо ба миён меояд. Барои ҳалли мушкилоти марбут муаллиф тарзҳо ва усулҳои самараноки истифодаи технологияҳои рақамии муосирро пешниҳод намудааст (саҳ. 94-100).

Муаллиф дар диссертатсия амсилаи таркиби воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ, ки кори муносиби низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунии дар асоси ERP сохташударо дар корхона таъмин мекунад, тартиб додааст (саҳ. 115), ки

аз ҷиҳати амалӣ барои татбиқ дар низомҳои баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои ватанӣ арзишманд аст.

Дар боби сеюми диссертатсия маъалаҳои рушди амалии воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ҳамчун унсури муҳими рақамикунонӣ дар корхонаҳои муосир баррасӣ шуда, дар ин асос барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд.

Таҳлилҳои анҷомдодаи муаллиф оид ба рушди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, аз ҷумла дар асоси барномаи 1С: ERP (1С: Бухгалтерия 8.3) ва пешниҳодҳои ӯ дар ин самт (саҳ. 159-162) барои амалияи рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ арзишманд мебошанд. Хусусан татбиқи амсилаи низоми ҳамгирои баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ, ки муаллиф таҳия кардааст (саҳ. 160), метавонад ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар корхонаҳо таъсири хуб расонад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Диссертатсия бо сабқи илмӣ навишта шуда, пайдарпайии пешниҳоди мавод, мустақилияти муаллиф дар тавзеҳоти ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ташкилию амалии рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ эҳсос карда мешавад. Заминаҳои илмию амалии диссертатсия эътимоднок мебошанд ва дар он усулҳои муосири методологӣ ва методӣ истифода шудаанд, ки ба мақсади гузошташуда мувофиқат мекунад. Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои дар диссертатсия бадаст омада бо матни диссертатсия ҳамрадиф буда, аз вазифаҳои гузошташуда сарчашма мегиранд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок буда, моҳияти диссертатсияро фаро мегиранд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои таҳқиқот, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ шудааст. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалиявӣ асос ёфтаанд. Ҳамаи хулосаҳои пешниҳодшуда фарогири натиҷаҳои илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили муносиби маводи таҳқиқӣ омода карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**.

**Аҳамияти илмии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявии дар он таҳиягардида метавонанд ҳамчун саҳми муҳим дар рушди илмии баҳисобгирии идоракунӣ муаррифӣ шаванд. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия имконияти иҷрои таҳқиқотро дар самти рушди низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ бо истифодаи воситаҳои муосири рақамӣ ва нармафзори муҳосибӣ дар субъектҳои иқтисодӣ фароҳам меоранд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои пешниҳодшуда барои татбиқ дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ ифода меёбад. Татбиқи амалии муқаррароти таҳияшуда имкон медиҳад, ки самаранокии низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодӣ баланд бардошта шуда, дар баробари ин рақобатпазирии корхона дар бозор таҳким дода шавад.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот.** Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳо имкон медиҳад, ки сифати иттилооти дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ ташаккулёфта беҳтар гардад ва дар натиҷа қарорҳои идоракунии самаранок оид ба идоракунии хароҷот, арзиши аслӣ ва дигар нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи натиҷаҳои фаъолияти корхона таҳия карда шаванд. Қабули қарорҳои идоракунии самаранок ба баланд шудани самаранокии иқтисодии фаъолияти корхона оварда, ҳамчунин ба беҳгардии натиҷаҳои молиявии он мусоидат мекунад.

**Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот.** Рушди баҳисобгирии идоракунӣ даршароити рақамикунонӣ ба беҳгардии сифати иттилооти барои қабули қарорҳои идоракунӣ зарурӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки истифодабарандагони ин иттилоот, аз ҷумла роҳбарият ва соҳибмулкони корхонаҳо дар самти идоракунии хароҷо, арзиши аслӣ ва дигар нишондиҳандаҳои фаъолият қарорҳои самаранок қабул кунанд. Идоракунии оқилонаи хароҷот ва арзиши аслӣ ба афзоиши натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона меоварад, ки дар натиҷа вазъи иҷтимоии кормандон, роҳбарият ва муассисони корхона беҳтар мегардад.

Довталаби дараҷаи илмӣ татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар раванди таҳқиқот аз омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, дақиқ ва пурра кардани равишҳои назариявию методӣ, ҷамбаҳои амалии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ

бо истифодаи воситаҳои муосири рақамикунонӣ ва бастаҳои нармафзерии муҳосибӣ ифода меёбад.

Самтҳои асосии рушди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шуда, тартиби пешбурди низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ ва рақамикунонии он таҳия карда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Ҷиҳатҳои асосии диссертатсия бо мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ ифшо ва манзур гардидаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 4,6 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 4,2 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, сохтор ва муҳтавои он ба талаботи сазовор донистани довталабони дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудани диссертатсия, ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамчунин диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сазовор донистани довталабон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудан ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия бо забони сода ва фаҳмо навишта шуда, ба меъёрҳои ороиши корҳои илмӣ ҷавобгӯ аст, тағйиротро талаб намекунад. Автореферати диссертатсия, мақолаҳои аз ҷониби муаллиф доир ба мавзуи он нашршуда муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос намуда, тибқи талаботи мавҷудбуда таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Эродҳо доир ба диссертатсия**

Дар баробари бартариҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд ки вобаста ба онҳо баъзе эродҳоро ба довталаби дараҷаи илмӣ манзур менамоем.

1. Дар параграфи 1.1 муаллиф ақидаҳои олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷиро оид ба тафсири мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ аз адабиёт овардааст, вале на дар ҳама ҳолатҳо фикри худро доир ба иқтибосҳои овардашуда пешниҳод кардааст. Махсусан ин ба муҳтавои ҷадвали 1.1 (саҳ. 16-18) дахл дорад.

2. Аз муҳтавои диссертатсия ва бобҳои он бармеояд, ки объекти таҳқиқот равандҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ мебошад. Лекин, тавре маълум аст, баҳисобгирии идоракунӣ дар муассисаҳои буҷетӣ низ бурда мешавад. Хуб мебуд, агар дар таҳқиқот масъалаҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар муассисаҳои буҷетӣ низ ба таҳқиқ фаро гирифта мешуданд.

3. Тавре аз муҳтавои бобҳо ва параграфҳои алоҳидаи диссертатсия бармеояд, муаллиф вобаста ба таҳқиқи мушкилоти баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ бештар аз асарҳои олимони ватанӣ М.В. Калемуллоев ва Б.Ҳ. Каримов иқтибосҳо овардааст. Хуб мебуд, агар муаллиф асарҳои муҳаққиқони дигари ватаниро низ ба омӯзиш фаро мегирифт.

4. Аз таҳқиқоти муаллиф бармеояд, ки дар амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо барномаҳои компютерии ширкати 1С (Федератсияи Россия) истифода мешаванд. Оё ҳамин хел аст ва барномаҳои истеҳсолнамудаи дигар ширкатҳо, аз ҷумла, ширкатҳои аврупоӣ ва америкоӣ дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (хусусан барои баҳисобгирии идоракуӣ) дар корхонаҳои ватанӣ ба кор бурда намешаванд. Хуб мебуд, агар муаллиф ба ин ҷиҳати масъала диққат медод.

5. Хуб мебуд, агар аз натиҷаи ҳар як боб хулосаҳо таҳия мешуданд.

Камбудиҳои номбаршуда хосияти тавсиявӣ дошта, ба сифат ва арзиши илмии диссертатсияи такризшаванда таъсир нарасонидаанд.

**Хулоса.** Диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ вa аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) дар сатҳи зарурӣ омода гардидааст ва таҳқиқоти илмии ба итмомрасида мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» ба ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани унвонҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) арзанда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Шарифов З.Р.

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 146

Тел: (+992) 90 500 44 00, E-mail: zarif-sharifov.49@mail.ru

**Имзои д.и.и., профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Шарифов З.Р.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии ДАТба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

31.12.2024